## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ). – Душанбе, 2025. – 250 с.**

Ономастика ҳамчун як соҳаи муҳимми забоншиносӣ дар баробари дигар самту соҳаҳои он дар забоншиносӣ мавқеи асосӣ дошта, солҳои охир омӯзишу таваҷҷуҳ нисбат ба ин қисмати забон бештар гардидааст. Дар номшиносии тоҷик ҷанбаҳои баррасиношуда ва ҳалталаби зиёд арзи ҳастӣ дорад. Дар заминаи пажуҳиши ономастикаи осори алоҳида, ки ба таври ҷиддӣ баррасӣ нагардидааст, дар маркази диққати унвонҷӯ қарор дода шуда, дар он ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ мавриди пажуҳишу баррасии таърихӣ-забоншиносӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсияи аз тарафи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» омода гардида ба самти забоншиносӣ, хосатан ба бахши ономастикаи он ва шиносномаи ихтисоси илмии 6D020502 – Забони тоҷикӣ комилан **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи таҳқиқ.** Қурбонзода Рудобаи Исмоил мавзуеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ба омӯзиши ономастикаи яке аз ёдгории арзишманди таърихӣ – «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ бахшида шудааст. Дар номшиносии тоҷик дар баробари ҳаллу фасл ва баррасии масоили назарию амалии ономастика, паҳлуҳои зиёди ҳалталаб боқӣ мондаанд.

Маврид ба зикр аст, ки номҳо воҳиди муҳимми забоншиносӣ маҳсуб ёфта, дар муаррифии арзишҳои миллӣ ва бозёфтҳои арзишманди таърихӣ, ки садсолаҳо боз моли таърих гардидаву ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтаанд, нақши созгор доранд. Маҳз ҳамин афзалиятро ба назари эътибор гирифта, дар мавриди ономастикаи осори таърихӣ, ки манбаи ғанӣ ва густурдаи номҳо маҳсуб ёфта, ҳамзамон, дар инкишофу густариши захираи луғавии забон мақоми шоиста доранд, пажуҳишҳои забоншиносӣ оғоз гардиданд.

Ба омӯзишу баррасӣ ва пажуҳиши номҳо, ҳамон гунае ки ишора шуд, ономастика машғул буда, он яке аз бахшҳои забоншиносӣ маҳсуб меёбад. Биноан, унвонҷӯ тасмим гирифтааст, ки дар доираи ин кори диссертатсионӣ оид ба таҳлили забонии номҳои хоси «Таърихи Бухоро» ва вижагиҳои забони онҳо ибрози ақида намояд. Маҳз ҳамин ҷанбаи масъаларо ба назари эътибор гирифта, мавзуи диссертатсияи довталаби дараҷаи илмиро **мубрам** арзиёбӣ менамоем.

**Мубрамии мавзуи пажуҳишии** мавриди назар боз бар он асос меёбад, ки дар тули мавҷудият ва рушду инкишофи забон бори нахуст номҳои хоси «Таърихи Бухоро» мавриди таҳқику таҳлили ҳамаҷонибаи забоншиносӣ қарор мегирад. Зарурати таҳқиқи ономастикаи «Таърихи Бухоро» ва вижагиҳои забони онҳо низ дар ҳамин аст, ки дар шакли рисолаи илмӣ аз тарафи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» омода гардад, ки айни муддао саривақтӣ маҳсуб меёбад. Воқеан, дар омӯзиши масъалаи мавриди таваҷҷуҳ нақш ва хидмати номшиносони хориҷиву ватанӣ, монанди В.В. Бартолд, Э.М. Мурзаев, В.А. Никонов, А.В. Суперанская, А.П. Дулзон, Ю.А. Карпенко, Е.М. Поспелов, А.И. Попов ва муҳаққиқони ватанӣ А.Л. Хромов, Р.Х. Додихудоев, Н. Офаридаев, А.А. Абдунабиев, С. Сулаймонов, Ш. Исмоилов, Ҷ. Алимӣ, О. Муҳаммадҷонзода, Д.Р. Ҳомидов, С. Абодуллоева, Б. Тураев, Р. Шоев, М. Шодиев, Д. Майнусов ва чанде дигарон, ки бо таҳқиқоти хеш дар рушду такомули номшиносӣ нақши беназир гузоштаанд, ниҳоят муассир аст.

Манзури муҳаққиқону донишмандон намудану ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи номзадии Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» андешаҳои болоро собит менамояд.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки бори аввал маводи ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ мавриди пажуҳиш ва баррасии таърихию забоншиносӣ қарор гирифта, натиҷаи омӯзишу пажуҳиш, таснифот ва баррасиву таҷзияи қабати ономастикаи он дар асоси навгониҳои зеринро рӯйи кор оварда шудааст: 1) дар ин пажуҳиш бори нахуст қабати ономастикаи «Таърихи Бухоро» ҷамъоварӣ ва тасниф гардида, мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳқиқи пурраи таърихӣ-забоншиносӣ қарор дода шуд; 2) бори аввал зимни омӯзишу таҷзияи ономастикаи асар навъҳои асосии маъноӣ, қолибҳои сохторӣ ва қабатҳои забонии топонимияву антропонимия, хрематонимия, этнонимия, номҳои алоҳидаи асар дар мисоли номҳои ҷанг, сура, дин ва истилоҳоти ҷуғрофию маъмурӣ, ки дар ин ёдгории таърихӣ истеъмол гардидаанд, муайян карда шуданд; 3) дар таърихи номшиносии тоҷик бори нахуст маводи ономастикаи «Таърихи Бухоро» аз нигоҳи сохт мавриди баррасӣ қарор гирифта, мавқеи истеъмол ва корбасти онҳо дар асар муайян карда шуданд; 4) маротибаи аввал дар таърихи номшиносии тоҷик таҳлили оморӣ ва чандомади маводи ономастикаи «Таърихи Бухоро» ҳамчун ёдгории таърихӣ дар шакли тамоман мутафовит (фарқият) сурат гирифт, ки то имрӯз дар ин шакл таҳқиқ анҷом дода нашудааст; 5) теъдоди умумии маводи мавриди таҳқиқи диссертатсия дар шакли нишондодҳои гуногун

мисли расм, диаграмма, ҷадвал низ нахустин бор инъикос мешавад; дар ин таҳқиқ бори аввал ҷойномҳои «Таърихи Бухоро» вобаста ба қабатҳои номбаршаванда ва нуқоти маскунӣ, ҳудуд ва мавқеи ҷуғрофӣ ба қабатҳои ***полионимия, комонимия, хоронимия, астионимия, агоронимия*** ва даҳҳо зерқабатҳои дигар ҷудо карда шуданд; 6) ҳангоми омӯзиши ономастикаи асар қабатҳои дигари номҳо монанди номи ҷангҳо, сураҳо, дин ва номи дарвозаҳо ба қайд гирифта шуданд, ки ин на танҳо дар мисоли маводи асар таҳқиқи тоза аст, балки дар номшиносии тоҷик бори аввал мебошад.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда риқатовар буда, диссертант дар назди худ доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ вазифагузориҳо намудааст, то вижагиҳаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони ономастикиро дар асоси маводи «Таърихи Бухоро» - и Наршахӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода гардидаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулосаи диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 20 банд фароҳам омадаанд. Инчунин дар бахши тавсияҳо, ки аз 6 банд иборат аст, муҳиммияти мавзуъ ва корбурди натиҷаҳои онҳо дар раванди таълиму таҳқиқ оварда шуда, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик маводи пурраи ономастикаи тарҷумаи форсӣ-тоҷикии «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ мавриди пажуҳиши пурраи таърихӣ-забоншиносӣ қарор гирифтааст. Маҳз омӯзиши номҳои «Таърихи Бухоро» вазъи феълии рушди забони форсӣ-тоҷикиро дар давраҳои мухталиф, махсусан, ҳуҷумҳои таърихӣ, ки зарбаҳои муҳлик ба пайкари забони форсӣ-тоҷикӣ зада шуда буд, то андозае возеҳ месозад.

Натиҷаҳои амалии бадастомада дар таҳияи номномаҳо, фарҳангу луғатномаҳои номшиносӣ, фарҳангномаҳои соҳавӣ, таҳия ва коркарди дастурҳои таълимию китобҳои дарсии мансуб ба таърихи забон, хондани курсу семинари махсус ва ҳамоишҳои илмӣ оид ба масъалаҳои номшиносӣ дар гурӯҳи ихтисосҳои равияҳои гуманитарӣ, махсусан, ихтисосҳои филологӣ, ҷуғрофия, сотсиология, таърих, фарҳангшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат хоҳанд кард.

Довталаби дарацаи илмӣ мазмуну муҳтаво ва нуктаҳои асосии диссертатсияро дар як монография, 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. **Маводи батабърасида** муҳминтарин паҳлуҳо ва мазмуни асосии диссертатсиро инъикос намуда, саҳми шахсии диссертантро собит менамояд.

Диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замима иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 250 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Муқаддимаи диссертатсия фарогири маълумоти муқаддимотӣ бо назардошти талаботи ҷорӣ, ки аз бандҳои мубраммии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳою мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объект ва усули таҳқиқ, маводи истифодашуда дар диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқ, асосҳои назарии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ ва сохтори диссертатсия таркиб ёфтааст, мувофиқи талабот, пурмазмун ва фарогир таълиф гардидааст.

Боби якуми диссертатсия «Таърихи Бухоро» ва омӯзиши назариявии ономастикаи он» ном дошта, мавзуи мавриди таҳқиқ аз лиҳози назариявӣ таҳқиқу баррасӣ гардидааст. Фасли якуми боби якум «Наршахӣ ва «Таърихи Бухоро»-и ӯ» ном дорад, ки дар он сарчашмаҳои омӯзиши китоби мазкур, нуқтаи назари олимону муҳаққиқон, таърихнигорон оид ба китоби Наршахӣ оварда шудаанд.

Зерфасли якуми фасли якум «Нусхаҳо ва тарҷумаи «Таърихи Бухоро» унвон дошта, муаллиф дар ин фасл объекти таҳқиқро бо зикри нусхаҳои асар, ки дар бештари китобхонаҳои ҷаҳон нигоҳдорӣ мешаванд, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Фасли дуюми боби якум «Чандомади маводи ономастикаи асар» унвон дошта, фарогири панҷ зерфасл мебошад. Дар ин фасл ономастикаи «Таърихи Бухоро»-ро бо назардошти қабатҳои ономастикӣ бо истифода аз усули квантитативӣ (миқдорӣ, оморӣ) гурӯҳбандӣ гардидааст. Таснифоти ономастикаи асар бо назардошти фарогирии онҳо дар зерфаслҳои алоҳида бо номҳои зерин сурат гирифтааст: зерфасли якум «Таснифоти антропонимияи асар», зерфасли дуюм «Таснифоти топонимияи асар», зерфасли сеюм «Таснифоти номи китобҳо», зерфасли чорум «Таснифоти гидронимия» ва зерфасли панҷуми фасли дуюм «Таснифоти номҳои омехта». Маводи мавриди баррасии фасли мазкур бо нишондодҳои дақиқ дар шакли диаграммаву

гистограмма ва накшаҳои алоҳида баррасӣ гардидаанд, ки чунин пажуҳиши оморӣ дар номшиносии тоҷик таҷрибаи аввал маҳсуб меёбад.

Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили луғавӣ-маъноӣ ва сохтории топонимия ва антропонимияи «Таърихи Бухоро»» ном дошта, аз 8 фасл фароҳам омадааст. Дар фасли якуми боби дуюм топонимияи асар аз лиҳози сохторию калимасозӣ баррасӣ гардидааст. Таҳлили мазкур дар асоси маводи мавриди пажуҳиши лингвистӣ амалӣ мегардад. Вазифаи таҳлили луғавӣ-маъноӣ ба қисматҳо ҷудо кардани воҳидҳои мустақили забон аз рӯйи маъно маҳсуб ёфта, дар асоси онҳо унсурҳои забонӣ, аз қабили морфема, вожа ва ибораҳо муайян карда мешаванд.

Фасли дуюми боби дуюм «Ойконимия» унвон дошта, омӯзиши қабати ойконимияи асарро фаро мегирад. Маводи ойконимияи асар бо назардошти ба инобат гирифтани ҳудуд ва мавқеи ҷойгиршавии топонимия ба қабатҳои зерин ҷудо гардиданд: полионимия – (маҷмуи номҳои шаҳрҳои як ҳудуд ва минтақаи алоҳида); комонимия – (маҷмуи номҳои деҳаҳо); хоронимия – (маҷмуи номҳои ҳудудҳо, вилоятҳо, ноҳияҳо, воҳидҳои ҳудудию маъмурӣ ва хоҷагию маъмурӣ ё табиию ҷуғрофӣ); астионимия – (маҷмуи номҳои шаҳрҳои алоҳида) ва агоронимия – (маҷмуи номҳои майдону бозорҳо). Қабатҳои номбаршавандаи фасли мазкур дар алоҳидагӣ дар шакли зерин баррасӣ гардидаанд: «Полионимия» (номи шаҳрҳо: Абаршаҳр, Абивард), «Комонимия» (номи деҳаҳо: Ашбанд, Баркад), «Хоронимия» (номи ҳудудҳо, вилоятҳо, ноҳияҳо, воҳидҳои ҳудудию маъмурӣ ва хоҷагию маъмурӣ ё табиию ҷуғрофӣ: Балх, Зобулистон, Куфтон), «Астионимия» (номҳои шаҳрҳои алоҳида: Ашқобод, Исфаҳон, Кирмон), «Номи ноҳияҳо» (Биҷапур/Виҷапур, Вахон) ва «Номи маҳаллаҳо» (Гардункашон [Gardunkašān], Дарвозача ва ғ.).

Фасли сеюми боби дуюм «Оронимия» унвон дошта, дар ин фасл оронимияи асар мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Бояд гуфт, ки оронимия ҳамчун бахши мустақили топонимия ба омӯзиши номҳои сатҳи заминӣ монанди *кӯҳ, саҳро, ағба, дара, хамӣ, пастхамӣ* ва дигар бузургиҳои кӯҳӣ, унсурҳои сатҳизаминӣ ва шаклу навъҳои он машғул аст. Дар диссертатсия оронимияи асар ба бахшҳои алоҳида, аз ҷумла «Номи кӯҳҳо» - Бутам, Вандодҳурмуз, Уҳуд, Хоҷамуъмин ва ғ, «Номи теппаҳо» - Чупонота, Муғтеппа, «Номи ағбаҳо» - Абғар, Бузғолахона, «Номи дара» - як номи дара Хулм тасниф гардида, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Фасли чоруми боби дуюм «Дромонимия ва дигар мавзеъҳои ҷуғрофӣ» унвон дорад. Зери мафҳуми доромонимия номи ҳама гуна нуктаҳои мухобиротӣ ва воситаи алоқа, монанди алоқаи заминӣ, обӣ, зеризаминӣ, ҳавоӣ, чун қоида, берун аз маҳалҳои аҳолинишин фаҳмида мешавад. Дар феҳристи топонимияи

«Таърихи Бухоро» ин қабати онимӣ низ ба қайд гирифта шудааст, ки вобаста ба хусусияташон ба бахшҳои алоҳида ҷудо карда шудаанд: «Номи қалъаҳо» - Арок, Гяур, Дабусӣ, Муғқалъа ва ғ.; «Номи ибодатгоҳҳо» - а) номи маъбад: Навбаҳори Балх; б) номи масҷидҳо: Қубои Мадина, Масҷиди Мағок, Масҷиди Мох ва ғ.)

Фасли панҷуми боби дуюм «Агоронимия» ном дошта, мавзуи баҳсаш асосан номҳои майдон ва бозорҳои шаҳр мебошад. Дар «Таърихи Бухоро» ҳамагӣ чор бозор зикр гардидааст: Бозори Писташиканон, Бозори Харқон, Дари Бозор ва як номи майдон: Регистон. Диссертант дар ин фасл маводи мавриди таваҷҷуҳро таҳқиқу баррасӣ намудааст.

Зерфасли якуми фасли панҷум «Агоронимияи омехта» унвон дошта, зерин унвони агоронимия омехта номҳое дар назар дошта шудааст, ки аз рӯйи мавқеи ҷуғрофӣ ва хусусиятҳои таснифшавандаашон ба мавзуи баҳси агоронимия шабоҳат доранд, монанди Шуллктеппа – номи хароба (тоҷикӣ), Мингурюк – номи хароба (туркӣ-муғулӣ), Сиффин – номи макони муҳориба (арабӣ) ва ғ. Бо назардошти мувофиқат намудани хусусияти ҷуғрофиашон ба ба қисмати огоронимия шомил намуданд, ки ба мақсад мувофиқ мебошад.

Фасли шашуми боби дуюм «Гидронимия» ном дошта, вобаста ба хусусияти таснифшавандаашон дар шакли зерин гурӯҳбандӣ гардидаанд: 1. номи дарёҳо (потамонимия): дарёи Арис, дарёи Балх. дарёи Вахш, дарёи Зарафшон ва ғ.; 2. номи кӯлҳо (лимнонимия): Искандаркӯл, Қарокӯл; 3. номи баҳрҳо (пелагонимия): Хазар; 4. номи ҷӯй/ҷӯйбор: Ҷӯйи Барахша, Ҷӯйи Зар, Ҷӯйи Муллиён, Ҷӯйи Ромитана ва ғ.; 5. номи наҳрҳо: Наҳри Бухоро, Наҳри Суғд; 6. номи рӯдҳо: Байконрӯд, Кармина, Рӯди Зар ва ғ.

Фасли ҳафтуми боби дуюм «Хусусиятҳои сохторӣ-калимасозии антропонимия» ном дошта, дар ин бахши таҳқиқот анропонимияи асар аз рӯйи сохтор, ки қабатҳои сода, сохта, мураккаб ва анропоним - ибораҳо ҷудо карда шуданд: 1. антропонимияи сода – Асад, Ато, Исо, Коно (Кана) ва ғ.; 2. антропонимияи сохта – Буғрохон, Боғӣ, Заҳабӣ, Муқаддасӣ ва ғ.; 3. антропонимияи мураккаб – Абуабдуллоҳ, Муҳаммадшоҳ, Сомонхудот, Хоразмшоҳ ва ғ.; 4. антропоним-ибораҳо – Абдулмалик Мунтасири Сомонӣ, Абулаббос Аҳмад ибни Яҳё ибни Асад Сомонӣ, Умар ибни Саъд ибни Абиваққос ва ғ.

Фасли ҳаштуми боби дуюм «Номҳои ифтихорӣ ва лақабҳо» унвон дошта, дар ин фасл номҳои ифтихорӣ, ки, асосан, бо мафҳумҳои лақаб ва тахаллус шинохта мешаванд, баррасӣ гардидаанд. Дар «Таърихи Бухоро» лақабҳои Атиқ, Оҳупӯш, Байғу/Баёғу/Ябғу ва Ямин-уд-давла корбаст гардидааст. Дар номшиносии тоҷик омӯзиши номҳои ифтихорӣ ва лақабу тахаллус, дар шакли пурра ва мушаххас анҷом нашуда, дар таҳқиқоти

алоҳида ҷой доранд, хосатан, дар ин бахши таҳқиқот, ки боиси дастгирии шоиста мебошад.

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои луғавӣ-маъноии қабати номҳои омехта дар «Таърихи Бухоро»» ном дошта, дар ин боб қабати хрематонимия, этнонимия, космонимия ва номҳои марбут ба шохаҳои дигари ономастика, аз ҷумла номи ҷангҳо, номи сураҳо, номи дин ва номи дарвозаҳо мавриди баррасӣ ва пажуҳиш қарор дода шудаанд. Дар фасли якуми ин боб хрематонимияи асар баррасӣ гардидааст. Хрематонимия – номҳои ашёи хос, ки ба феҳристи фарҳанги моддӣ, монанди номи китобҳо, мақолаҳо, объектҳои фарҳанги моддӣ, дасткориҳои инсон мисли ихтироот, таълифот, силоҳ, асбобҳои мусиқӣ, ҷавоҳироту кандакорӣ ва амсоли инҳоро фаро мегирад ва дар асар теъдоди ин қабати онимӣ 116 номгӯйро ташкил медиҳад, аз ҷумла Авесто, Ахбори Бухоро, Бурҳони қотеъ, Васиятнома, Ғиёс-ул-луғот ва ғ. Бояд гуфт, ки зери мафҳуми хрематонимия, гарчанде қабати мухталифи номҳои феҳристи фарҳанги моддӣ фаҳмида мешавад, лекин дар асар танҳо номи китобҳо зикр ёфтаанд ва дар ин фасл танҳо номи китобҳо баррасӣ гардидаанд.

Фасли дуюми боби сеюм «Этнонимия» ном дошта, дар ин фасл номи этносҳои мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Этнонимҳо ҳамчун калимаҳои хулосакунанда барои ифодаи як этноси алоҳида монанди тоҷикон, тоторҳо, туркҳо, фаронсавиҳо ва амсоли инҳо фаҳмида мешаванд. Дар асар зимни пажуҳиш 59 этнонимия ошкор гардида, сохту таркиби мухталиф доранд, аз ҷумла Аббосиён, Авс, бани Аббос, Қурайза, Ғазнавиён, Бармакиён/Бармакиҳо ва ғ.

Фасли сеюми боби сеюм «Космонимия» унвон дошта, номҳои мансуби коинотро фаро мегирад. Дар қабати ономастикаи асар як номи мансуб ба космонимия монанди Банот-ун-наъш//Дубби Акбар истифода гардидааст. Дар диссертатсия бо истинод ба асар гуфта мешавад, ки: «Банот-ун-наъш – номи маҷмуи ҳафт ситораи равшан аст. Ин ҳафт ситораро боз ба забони арабӣ Дубби Акбар (Хирси калон) ва тоҷикон имрӯз «Ҳафтдодарон» низ мегӯянд» (диссертатсия с. 143).

Фасли чоруми боби сеюм «Номҳои марбут ба шохаҳои дигари ономастика» унвон дошта, дар ин фасл номи ҷангҳо, номи сураҳо, номи дин ва номи дарвозаҳо мутаҳҳид шуда, баррасӣ гардидаанд. Хусусиятҳои гуногуни қабатҳои мавриди таваҷҷуҳ ба назари эътибор гирифта шуда, зери «номҳои марбут ба шохаҳои дигари ономастика» ҷой дода шудаанд.

Зерфасли якуми фасли чорум «Номи ҷангҳо» унвон дошта, дар он номи ҷангҳо: Бадр, Ҷамал, Наҳравон, Уҳуд ва Ҳарра баррасӣ гардидаанд, ки ҳар

кадом бо паёмади таърихие пайванд буда, дар онҳо як ангезаи бархӯрди манфиатҳо инъикос ёфтааст.

Зерфасли дуюми фасли чорум «Номи сураҳо» унвон дошта, дар ин фасл номи сураҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар асар номи панҷ сура – Оли Имрон, Бақара, Моида, Нисо ва Раъд истифода гардидааст, ки ишора ба сураҳои Қуръони карим аст. Дар диссертатсия бо истинод аз асар дар мавриди номи сураҳо гуфта мешавад: «Бархост ва чаҳор ракъат намоз гузорид ва сурат-ул-Бақара ва Оли Имрон ва сурат-ул-Нисо ва сурат-ул-Моида бархонд андар чаҳор ракъат намоз» (диссертатсия с. 150).

Зерфасли сеюми фасли чорум «Номи дин» унвон дошта, як номи дин - Монӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар шумори номҳои «Таърихи Бухоро» номи як дин – Монӣ корбаст гардидааст. Монӣ ҳамчун номи дин дар асар хеле равшан баён гардидааст: «Гӯрхони мазкур аз шахсони муътабари Хитой буда, Қӯшқин Тойқу ном дошта, дар соли 522/1128 ба сари қудрат расида будааст. Ӯ дар дини Монӣ буда, дар соли 537/1142-43, яъне баъди як соли ғалаба бар Султон Санҷар вафот кард» (диссертатсия с. 153).

Зерфасли чоруми фасли чорум «Номи дарвозаҳо» унвон дорад. Дар қабати ономастикони «Таърихи Бухоро» номи дарвозаҳо низ истеъмол гардидаанд, аз қабили Боби бани Асад, Дарвозаи Алаффурӯшон, Дарвозаи Ғуриён, ки маҷмуан теъдодашон 36 номгуй мебошад. Таҳқиқи ин қабати номҳо дар ономастикаи тоҷик падидаи нав буда, то кунун ягон муҳаққиқ дар ин масир пажуҳиш анҷом надодааст. Ин қисмати пажуҳиши диссертатсия ҳамчун раванди тоза мавриди таваҷҷуҳи хос аст.

**Хулосаи диссертатсияи** Қурбонзода Рудобаи Исмоил аз натиҷаи баҳсҳои илмӣ бар омада, дарк ва зеҳнияти касбии муҳаққиқи ӯро нишон медиҳанд. Дар хулоса натиҷаи пажуҳиш ба тариқи фишурда аз рӯйи натиҷагирии таҳқиқ дар 20 банд оварда шуда, феҳристи адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти зарурии илмиест, ки миқдорашон ба 169 адад мерасад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ кори диссертатсионии мавриди таваҷҷуҳ аз баъзе нуқсону камбудиҳо низ иборат мебошад, ки ислоҳи онҳо дар таҳқиқи минбаъдаи он аз манфиат холӣ нест ва ислоҳи онҳоро зуруриӣ меҳисобем:

1. Дар дараҷаи омӯзиш мавзуъ ному насаби ономастикшиносон дар шакли омехта оварда шудааст, ки самти омӯзиши ономастикӣ аз тарафи олимон: ареалӣ, таърихӣ, бадеӣ бояд мушаххасан бояд дарҷ мешуд.

2. Боби дуюми рисола ба таҳлили луғавӣ-маъноӣ ва сохтории топонимия ва антропонимия бахшида шуда, дар рисола мавод дар шакли омехта ҷой дода шудааст. Дар таҳлили лексикӣ-семантикӣ, пеш аз ҳама, гурӯҳҳои тематикии воҳидҳои ономастикӣ муайян гардида, баъдан барои пеш бурдани

онҳо зербобҳои мушаххас бояд ҷудо карда мешуданд, ба манфиати кор буд.

3. Мисолҳои овардашудаи ономастикӣ дар саросари китоб бо овонигории байналмилалӣ (транскрипсия) оварда шудаанд, ки транскрипсия дар як лаҳза дар мавриди риояи тарзи дурусти талаффузи калима корбаст мешавад, ки зарураташро намебинам.

4. Боиси қайд аст, ки дар шаклҳои морфологии воҳидҳои ономастикӣ таҳлилҳои муфиди забоншиносӣ, бахусус бо суффиксу префикс сохта шудани калимаҳо, таҳлилҳои илмӣ оид ба тафовути таркиби морфологии онҳо ба назар намерасад.

5. Дар рисола, дар қисмати антропонимҳо ва топонимҳои сохта онимҳо дар шакли омехта дар ҷадвал оварда шудаанд, ки анҷомаҳои номсоз ва мафҳуми онҳо дар алоҳидагӣ таҳлил нашудааст. Хуб мешуд, ки анҷомаҳои маънодор ва ёрирасони антропонимсоз ва топонимсоз дар контексти матни сарчашмаи омухташуда нишон дода мешуданд.

6. Тибқи талаботи имрӯзаи таҳияи рисолаҳои илмӣ овардани маълумоти оморӣ муҳим арзёбӣ гардидааст, аммо дар саросари рисола овардани омор, бе таҳлили пурраи лингвистӣ рисоларо ба маълумотномаи оморӣ монанд мекунад.

7. Дар диссертатсия ба ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ роҳ дода шудааст (саҳ. 16, 24, 54, 59, 68).

Эродҳои зикргардида ислоҳпазир буда, чандтои он ҷанбаи тавсиявӣ доранд. Ислоҳи онҳо ҳангоми таҳия ва нашри монография арзиши илмии кори диссертатсиониро боло мебарад.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант доир ба мавзуи мавриди пажуҳиш ба табъ расонидааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро пурра фаро гирифтааст. Кори диссертатсионии мазкур ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D020502 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмии кори диссертатсионӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ва ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, кори диссертатсионии Қурбонзода Рудобаи Исмоилро дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» кори анҷомёфта донистан мумкин аст ва муҳаққиқ масъалаҳои дар пеш гузоштаи худро хуб ба сомон расонидааст. Забони диссертатсия фаҳмо ва равону барои ифодаи мафҳумҳои забоншиносӣ, хосатан бахшҳои ономастикӣ: антропонимӣ, топонимӣ, гидронимӣ, орронимӣ ва қисматҳои дигари он созгор буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-

юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

**Муқаррризи расмӣ :**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
сарходими илмии шуъбаи забони тоҷикии
Институти забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон: Абодуллоева С.Ю.
«15» марти соли 2025.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Айнӣ бинои 71, ҳуҷраи 41
**Тел.**: (+992) 935-34-26-21
**E-mail**: safinaabodulloeva77@bk.ru

Имзои доктори илмҳои филологӣ, профессор
Абодуллоева Сафина Юсуповнаро тасдиқ мекунам:
нозири калони кадри Институти забон ва
адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон: Нарзиқулова Ҳ.М.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21.
Телефон: (+992) (37) 221-70-30; факс: 227-15-10.
E-mail: Iza.Rudaki@gmail.com
Сомона: www.izar.tj
«15» марти соли 2025.